# ҚАРОРИ

## шурои диссертатсионии 6D.KOA-O24

## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15.01.2025** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаматов Бекбобо Бурихоновичро дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ), тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ – Саидов Ҳомид Саидович – доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон, Шарипов Амриддин Нуридинович – номзади илмҳои таърих, досент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, муқарризони ғайрирасмӣ - докторони илмҳои таърих Мирзоев Н.М., Шарифов Р.Я., Тиллоев С.С., Иброҳимов М.Ф. - ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович, инчунин оид ба интишороти ӯ,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31 ва 35 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Абдусаматов Бекбобо Бурихоновичро бо дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) сарфароз гардонад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 13 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**15.01.2025**